**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович дар мавзуи «Мақоми Ғафур Мулло дар ҳавзаи адабии Хатлон (солҳои 40-90-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Ғафур Мулло аз шоирони хушқариҳа ва соҳибистеъдоди доираи адабии Хатлон дар нимаи дувуми асри XX буда, дар баробари фаъолияти бисёрсолаи эҷодӣ, дар тарбияи як зумра қаламкашони ҷавони ин доираи адабӣ саҳмгузор будааст. Мутаассифона, дар бораи шарҳи ҳол ва фаъолияти шоирии ӯ то ба имрӯз, ба ғайр аз якчанд мақола ва қайду ишораҳои ҷудогонаи адабиётшиносону ҳамқаламони шоир кори ҷиддие анҷом напазируфта буд. Аз ин рӯ, диссертатсияи Раҳмонов Маҳмурод, ки ба таҳқиқу баррасии илмии рӯзгор ва осори Ғафур Мулло бахшида шудааст, дар баробари аз ҷиҳати илмӣ муҳимму саривақтӣ будан, иқдоми хайр ва арзандаи таҳсину тақдир аст.

Тавре аз фишурда бармеояд, диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи талаботи гузошташуда муҳиммият ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳо, предмету объект ва аҳамияти назариявию амалӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда ва дигар бахшҳои барои ин қисмати кор муқарраргардида баён гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия ба таҳлилу баррасии нақши ҳавзаи адабии Хатлон дар тарбияи суханварон ва ҷойгоҳи шоир Ғафур Мулло дар пешрафти он бахшида шуда, аз се фасл иборат аст. Дар ин боб ҳавзаи адабии Хатлон дар солҳои 40-90-уми асри XX, зиндагинома ва мероси адабии Ғафур Мулло мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар фаслҳои ин боб диссертант дар баробари он ки оид ба ҳавзаҳои адабии Кӯлобу Вахшонзамин маълумоти муфиду нави илмӣ пешниҳод

мекунад, натиҷаҳои таҳқиқи худро вобаста ба рӯзгору осори шоир мураттабу илман асоснок пешниҳод кардааст.

Дар боби дувуми диссертатсия, ки «Вижагиҳои мундариҷа ва шакл дар ашъори шоир» унвон дорад, масъалаҳои муҳимми ба эҷодиёти шоир алоқаманд, амсоли таҳқиқи мавзую мундариҷа, мавқеи ҳаҷв дар осори шоир ва махсусиятҳои ашъори бачагонаи ӯ, ба таври шоиста мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои услубӣ ва бадеии осори Ғафур Мулло» ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб диссертант ба таҳқиқи забон ва тарзи баёни ашъори Ғафур Мулло пардохта, фасли дувумро ба баррасии хусусиятҳои бадеии ашъори шоир бахшидааст.

Хулосаи диссертатсия муҳимтарин натиҷаҳои пажӯҳишро дар бар мегирад. Масъалагузорӣ, муҳокимаҳо, натиҷагириҳои муаллиф ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот гувоҳи онанд, ки диссертант мавзуъро хуб медонад ва дониши кофӣ ба ӯ имкон додааст, то масъалаҳои мавриди баҳсро мувофиқи талабот ҳал намояд.

Тарзи нигориши автореферат аз мустақилияти фикрӣ, ҷустуҷӯйҳои илмӣ ва кӯшиши навгӯйии муаллиф дарак медиҳад. Ҷанбаҳои илмии таҳқиқоти мазкур ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Гуфтан мумкин аст, ки мавзуъ дар доираи таҳқиқи рисолаи илмӣ ҳалли худро ёфта, муаллиф тавонистааст аз уҳдаи ҳалли мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштааш ба хубӣ барояд.

Забони фишурдаи кор ҳам сазовори таҳсин аст ва аз нигоҳи услуб, риояи қоидаҳои грамматикӣ, имлоӣ ва китобат тақрибан орӣ аз ғалату каҷравиҳо мебошад. Агарчи дар фишурда ҷо-ҷо ғалатҳо ба чашм мерасанд, он қадр ҷиддӣ нестанд ва бештар бар ғалатҳои имлоиву китобат мансубанд. Вуҷуди ин ғалатҳои камшумор ва он ҳам дувумдараҷа арзиши аслии корро пойин намебарад.

Диссертатсияи Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович дар мавзуи «Мақоми Ғафур Мулло дар ҳавзаи адабии Хатлон (солҳои 40-90-уми

асри XX)» кори анҷомёфтаи илмӣ ва ба талаботи пешгузоштаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор аст.

Шоири халқии Тоҷикистон,
сардабири маҷаллаи таълимию маърифатии "Мактаб",
дар назди Раёсати маорифи вилояти Хатлон,
номзади илми филология: Салимиён Озар Саидзод

Имзои Салимиён Озарро тасдиқ менамоям.

Сармутахасиси бахши банақшагирӣ,
иқтисод ва захираҳои кадрии
Раёсати маорифи вилояти Хатлон: Навкарова Маърифат

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯч. Б. Ғафуров, 17.
Тел.+992 (37) 2 38 70; 93 355 82 82.
«19»-уми ноябри соли 2022.